***ТКБ 8Т***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-2-202-210***

***ДОИР БА АВЗОНИ МАСНАВИҲОИ АСРИ XIV ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XV***

***Тоҷибоев Шарифҷон Ғайбуллоевич,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***О МЕТРИКЕ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ МАСНАВИ XIV И ПЕРВОЙ ПОЛОВИНЫ XV ВЕКОВ***

***Таджибоев Шарифджон Гайбуллоевич,*** *к.ф.н., доцент кафедры таджикской классической литературы ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова"(Таджикистан, Худжанд)*

***ABOUT THE METRICS OF PERSIAN-TAJIK MASNAVIS XIV AND FIRST HALF OF XV CENTURIES***

***Tojiboev Sharifjon Gaibulloevich,*** *candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Tajik classic literature under the SEI "KhSU named after acad.B.Gafurov"(Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *tsharif@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *маснавӣ, вазн, авзони дароз, назми асрҳои XIV ва XV форсу тоҷик, таҳаввул, теъдоди авзони маснавӣ*

*Мақола ба баррасии авзони маснавиҳои асри XIV ва нимаи аввали садаи XV форсу тоҷик ихтисос ёфтааст.Тазаккур меравад, ки шоирони маснависарои давраи мавриди таҳқиқ дигаргунӣ ва таҳаввулоти ҷиддие доир ба вазнҳои маснавӣ ба анҷом нарасонида бошанд ҳам, дар ин замина кӯшиши навоварӣ ва суннатшиканӣ намудаанд.Қайд мешавад, ки бархе аз шоирон, мисли Хоҷуи Кирмонӣ дар "Ҳумой ва Ҳумоюн" ё Хатиби Форсӣ дар "Қаландарнома" ба хотири навоварӣ ва дурӣ аз якнавохтӣ даст ба ибтикор зада, сарфи назар аз мавзӯву муҳтавои асар авзонеро интихоб намудаанд, ки дар воқеъ барои мазомини дигар муносиб аст. Дар ин давра маснавиҳое ба мисли "Маҷмаъ-ул-баҳрайн"-и Котибии Нишопурӣ ба зуҳур омаданд, ки ба ду баҳр хонда мешуданд ва ё мисли "Даҳнома"-и Имоди Фақеҳ ба чанд вазн иншо шудаанд. Хулоса мешавад, ки маснавиҳои ин аҳд дар шаш аз ҳафт авзони маснавиҳои форсу тоҷик нигошта шуда, суннати ёздаҳҳиҷоии шеър дар онҳо риоя шудааст.*

***Ключевые слова:*** *маснави, метр, длинные метры, персидско-таджикская поэзия XIV-XV веков, эволюция, количество метров маснави*

*Статья посвящена рассмотрению метрики персидско-таджикских маснави XIV и XV веков. Отмечается, что поэты исследуемого периода которые писали маснави, не совершили существенных изменений и разработок в отношении метрики маснави, но избегали следования традиции соотношения единства формы(метрики) и содержания в маснави и стремились к новаторству. Подчеркивается, что некоторые авторы поэм, такие как Ходжу Кирмани в «Хумай и Хумаюне» или Хатиб Фарси в «Каландар-наме», ради новаторства и избежания однообразия, проявили инициативу и, несмотря на тему и содержание маснави, выбрали метры, на самом деле подходившие для другого контента. В этот период появились такие маснави, как «Маджмаъ-уль-бахрайн»(«Слияние двух поэтических метров») Катиба Нишапури, которые имели двойственные (разнообразные) метры или были составлены в нескольких метрах, как, например, «Дахнама» Имада Факеха. Делается вывод, что маснави XIV и первой половины XV веков были написаны в шести из семи метров персидско-таджикских маснави и в них соблюдалась одиннадцатисложная традиция персидско-таджикской поэзии.*

***Key words:*** *masnavi, weight, long weight, Persian-Tajik poetry of the XIV-XV centuries, evolution, the number of Masnavi weights*

*The article is devoted to the consideration of the weights of the Persian-Tajik masnavi of the XIV and first half of the XV centuries. It is noted that the poets of the period under study who wrote Masnavi did not make significant changes and developments in relation to Masnavi weights, but avoided following the tradition of the relationship between the unity of form (weights) and content in Masnavi and strived for innovation. It is emphasized that some authors of poems, such as Khoju Kirmani in "Humay and Humayun" or Khatib Farsi in "Qalandar-nama", for the sake of innovation and avoiding monotony, took the initiative and, despite the theme and content of the masnavi, chose weights, in fact suitable for other content. During this period, such masnavi appeared as "Majma-ul-bahrayn" by Katibi Nishapuri, which had dual (various) weights, or were written in several weights, such as "Dahnama" by Imad Faqeh. It is*

*concluded that the masnavi of the XIV and first half of the XV centuries were written in six of the seven weights of Persian-Tajik masnavi and they followed the eleven-syllable tradition of Persian-Tajik poetry.*

Дар хусуси вазнҳои асосии маснавиҳои форсӣ-тоҷикӣ аҳли таҳқиқ бисёр гуфтаанд. Маълум аст, ки дар адабиёти форсӣ-тоҷикии то асрҳои XIV-XV авзони маснавӣ мушаххас ва поягузорӣ шуда буд, аммо назари муҳаққиқон дар бораи теъдоди умумии авзони маснавӣ мутафовит боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, қабл аз вуруд ба мавзӯи аслӣ лозим донистем, ки нукоти муқаддамотиеро барои равшан шудани асли масъала - миқдори умумии авзони маснавиҳои форсӣ-тоҷикӣ баён намоем.

Иддае аз адабпажӯҳон дар такя бар авзони маснавиҳои "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ, ки ӯ дар маснависароии форсӣ-тоҷикӣ доди суханро дода, маснавиҳои ӯ дар ин фан аз аҳамияти фавқулода бархурдоранд, теъдоди авзони маснавиро ба панҷ шумора маҳдуд намудаанд. Чунончӣ, Муҳаммадалӣ ибни Алӣ Форуқии Ҳанафии Таҳонавӣ дар "Кашшофу истилоҳот-ил-фунуни ва ал-улуми", ки яке аз бузургтарин нигоштаҳо дар заминаи истилоҳшиносӣ маҳсуб меёбад, таъкид бар он дорад, ки дар вазнҳои дароз(мусамман.-Ш.Т.), мисли ҳазаҷи мусаммани солим, раҷази мусаммани солим, рамали мусаммани солим маснавӣ нагӯянд. Ва авзони маснавӣ ҳамон аст, ки дар "Хамса" омадааст ва он "Искандарнома" ва "Махзан-ул-асрор" ва "Хусрав ва Ширин" ва "Ҳафт пайкар" ва "Лайлӣ ва Маҷнун" аст[7, с.180]. Дар воқеъ, азбаски маснавиҳо дар баёни матолиби тӯлонӣ бештар ихтисос доранд, маснависароён ҳамеша вазнеро интихоб менамоянд, ки то хонанда аз мутолиаи он хаста нашавад. Ба ин мазмун Мавлоно Ҷомӣ дар муқаддимаи мансури "Ҳафт авранг" [10,с.56-57] ишора намудааст.

Муаллифи "Кашшофу истилоҳот-ил-фунуни ва ал-улуми" ба дурустӣ таъкид менамояд, ки вазнҳои дароз (мусамман) барои маснависароӣ истифода намешаванд. Воқеъан баррасии вазнҳои маснавиҳои форсӣ тоҷикӣ собит намуд, ки бештари авзони маснавӣ дар шакли мусаддас меоянд, аммо бояд гуфт, ки теъдоди авзони он маҳдуд ба ҳамон ададе нест, ки Муҳаммадали Таҳонавӣ зикр кардааст.

Мавлавӣ Оғо Аҳмадалӣ - муаллифи тазкираи "Ҳафт осмон" ба пайравӣ аз зумрае дигар назарияпардозон шумораи авзони маснавиҳои форсӣ-тоҷикиро ҳафт адад гуфтааст: "Назди ҷумҳур маснавиро ҳафт вазн аст.Чунон ки дар "Мизон-ул-вофӣ" гуфта: ал-маснавӣ сабъату авзонин маъруфатин иснони мин-ал ҳазаҷ-ил-мусаддаси ва иснони мин-ар-рамал-ил мусаддаси ва воҳидун мин-ас-сариъи ва воҳидун мин-ал-хафиф-ил мусаддаси ва воҳидун мутақориб-ул-мусаммани" [1,с.5].

Мавлавӣ Оғо Аҳмадалӣ дар номгузории китоби худ, ки онро дар баёни ҳолу аҳволи шоирони маснависаро ва осори дар ин замина сурудаи онҳо ихтисос додааст, авзони ҳафтгонаи маснавиро ба эътибор гирифта, дар тадвини бобҳои асар низ онҳоро мавриди таваҷҷӯҳ қарор додааст.Ӯ хостааст дар ҳар боби асар, ки онро осмон номидааст, дар бораи суханвароне, ки дар яке аз ҳафт авзони маснавӣ эҷод намудаанд, маълумот диҳад. Вале марги ногаҳонӣ ба ӯ имкон надодааст, ки беш аз як боб (осмон)-и онро ба анҷом расонад. Бинобар ин "Ҳафт осмон" танҳо дар доираи як осмон (боб) анҷом ёфтааст [5,с.86].Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ низ дар ҳисобгирии авзони маснавӣ аз адади ҳафт ҳимоят мекунад ва ба ҳамин асос маҷмӯан ҳафт маснавиро ба силки назм кашида, "Ҳафт авранг" ном ниҳодааст. Ҳамон тавр, ки аз фасли "Гуфтор аз фазоили сухан..."-и "Хираднномаи Искандарӣ" маълум мешавад Мавлоно Ҷомӣ дар оғози маснависароии хеш дар пайравии Низомиву Амир Хусрав қасди сурудани "Хамса"-ро доштааст[11, с.433-434], аммо бар асоси ҳамин назария- ҳафт адад будани авзони маснавӣ, бо афзудани ду маснавии дигар - «Силсилат-уз-заҳаб» ва «Саломон ва Абсол» ба онҳо, "Ҳафт авранг"-ро эҷод кард.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар муқаддимаи мансури "Ҳафт авранг" ба баёни вазнҳои маснавиҳои сабъаи хеш пардохта, ҳар якро бо як ё чанд ҷумла тавсиф намуда, аз таърихчаи истифодаи вазнҳои мазкур дар маснависароии форсӣ-тоҷикӣ низ сухан гуфтааст.Чунончӣ:

"Маснавии аввал китоби "Силсилат-уз-заҳаб" аст ва вазни он аз музоҳифоти баҳри хафиф аст: фоилотун, мафоилун, фаилун.Ва бар ин вазн аст "Ҳадиқа"-и Ҳаким Саноӣ ва "Ҳафт пайкар"-и Шайх Низомӣ ва "Ҷоми Ҷам"-и Шайх Авҳадӣ раҳимуллоҳи таоло" [10, с.55].

Мавлоно Ҷомӣ дар ин муқаддима дар бораи авзони маснавӣ низ сухан гуфтааст: "Ва пӯшида набошад, ки аксар эроди маснавӣ дар баёни қасас ва ҳикоёту умури тавилуззайл, ки ғазалу қасидаро гунҷоиши он нест вуқуъ меёбад. Пас мебояд, ки он бар вазне воқеъ шавад, ки дар ӯ хиффате ва узубате, ки мӯҷиби қабули табъ гардад, бошад, то касрати такрор ва вуруди

он бар асмоъи мустамеъон ба малолат накашад ва ба саомат наянҷомад...”[10,с. 56-57]. Баъд аз ҳама инҳо ба авзони “Ҳафт авранг” ишора намуда мегӯяд: “Ғайр аз ин авзон вазне дигар нест, ки бад-ин масоба ҷомеъ бошад миёни фазилатиёни хиффат ва узуббат.Ва он чӣ Амир Хусрав дар китоби “Нӯҳ сипеҳр” ду вазни дигар бар ин ҳафт афзуда аст: яке баҳри мутақориби мусаммани ҳар мисроъ ҷаҳор бор “фаӯлун”... ва дигаре баҳри ҳазаҷи мусаддаси ҳар мисроъ се бор “муфтаъилун” (?-суол аз мост)” [10,с.57].

Ҷомӣ барои тақвияти фикр барои ҳар ду вазн аз Амир Хусрав якбайтӣ мисол овардааст. Аммо, бояд гуфт, ки вазни байти дувум – Омада ин ҳафт гули тозаву тар/Тозакуни равнақи гулзори ҳунар/ ба таваҷҷуҳ ба се бор омадани рукни зиҳофии “муфтаъилун” ҳатман сареи мусаддаси матвӣ бошад, на ҳазаҷ. Албатта, ин як иштибоҳи чопӣ аст, ки мусаҳҳеҳон ҳангоми бозхонӣ мутаваҷҷеҳи он нашуда, ғалатгирӣ накардаанд, зеро дар нусхаи дигари “Ҳафт авранг” [12,с.36] вазни ин байт возеҳан сареъ нишон дода шудааст.

Чунон ки аз андешаву гуфтовардҳои болоӣ маълум шуд, Мавлоно Ҷомӣ ҳафт вазнро барои маснависароии форсу тоҷик хос медонад ва шарти ин вазнҳоро “хиффат ва узуббат”, яъне сабукӣ ва гувороии онҳо медонад ва бар Амир Хусрав эрод мегирад, ки ба ду вазни номулоими дигар низ маснавӣ сурудааст.

Муҳаммадалии Тарбият, ки дар заминаи маснавӣ ва маснависароӣ дар адабиёти форсӣ чандин мақолаи судманд нигоштааст, теъдоди авзоне, ки дар онҳо маснавӣ суруда шудаанд 12-то донистааст: “ва аз рӯи истиқрор ва истиқсо маълум шудааст, ки ...дувоздаҳ вазн аз авзони арӯзро барои маснавӣ гуфтан баргузида ва маъмул доштаанд[6, с.218]. Ин дувоздаҳ вазнро, ки дар он маснависароён ашъори дугона гуфтаанд ва М.Тарбият бар онҳо ишора намудааст, дар ҷадвали №1 метавон мушоҳида кард. Зимнан бояд таъкид кард, ки ин ҷадвал маҷмӯаи андешаҳои болоиро, ки дар мавриди шумораи вазнҳои маснавӣ аз ҷониби назарияпардозон баён шудаанд, низ фаро мегирад.

| №б/т | Авзон | Тарҳ |
|---|---|---|
| 1. | Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мафоилун/мафоилун/фаӯлун) | V- - - / V- - - / V- - |
| 2. | Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф (мафъӯлу/мафоилу/фаӯлун) | - - V / V- - V / -V- |
| 3. | Рамали мусаддаси маҳзуф(фоилотун/фоилотун/фоилун) | - V - - / - V - - / V- - |
| 4. | Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф (фоилотун/фаилотун/фаилун) | - V - - / V V - - / VV - |
| 5. | Сареи мусаддаси матвии макшуф (муфтаилун/муфтаилун/фоилун) | (-V V-/-V V-/-V-) |
| 6. | Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф (фоилотун/мафоилун/фаилун) | - V - - / V - V- / VV - |
| 7. | Мутақориби мусаммани маҳзуф (фаӯлун/ фаӯлун/ фаӯлун/фаал) | V- - / V- - / V- - / V- |
| 8. | Мутақориби мусаммани солим (фаӯлун/ фаӯлун/ фаӯлун/фаӯлун) | V- - / V- - / V- - / V- - |
| 9. | Рамал | |
| 10. | Сареи мусаддаси солим (мустафилун/мустафилун/мафӯлоту) | - - V - / - - V - / - - - V |
| 11. | Муҷтасси мусаммани махбун (мафоилун/фаилотун/мафоилун/фаилотун) | V- V - / VV - - / V-V -/ VV - - |
| 12. | Музореи мусаммани ахраб (мафъӯлу/фоилотун/ мафъӯлу/фоилотун) | - - V/- V - -/- - V/- V - - |

***Ҷадвали №1.Авзони маснавӣ тибқи назарияи М.Тарбият***

Аз миёни авзони болоӣ вазнҳои таҳти шумораҳои 1,2, 3,5,6 ва 7 ишорашуда корбурди бештаре доранд. Вазни таҳти № 4 ишорашуда, яъне рамали мусаддаси махбуни маҳзуф танҳо дар “Субҳат-ул-аброр”-и Мавлоно Ҷомӣ истифода шудааст.Абдурраҳмони Ҷомӣ ин вазнро бағоят латиф ва матбӯъ номида, тазаккур медиҳад, ки “...устодон бар ин вазн маснавӣ нагуфтаанд.Магар Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки дар китоби “Нӯҳ сипеҳр” бар ин вазн чанд байт гуфтааст...”[10,с.56]. Дар мавриди вазни таҳти шумораи 9 омада, М.Тарбият ба вузӯҳ нишон намедиҳад, ки ин вазн мусамман аст ё мусаддас, солим аст ва ё музоҳаф.Ба ин далел, мо

намедонем, ки кадоме аз авзони баҳри рамал ба ҷузъ авзони 3, 4 дар маснависаройӣ корбурд шудаанд. Ба иттифоқи аҳли назар ва муҳаққиқон авзони маснавиҳои форсӣ-тоҷикӣ ҳамин ҳафт вазн буда, ки чуноне ки ишора рафт, шаш вазни он(1,2, 3,5,6 ва 7) серистеъмоланд.Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик дар вазнҳои дигар низ як ё ду маснавиҳои кутоҳ ё мухтасар сохта шудааст, ки ба истиқболу пазироии умум рӯ бу рӯ нашудаанд.

Баррасии маснавиҳои асри XIV ва нимаи аввали садаи XV нишон медиҳад, ки шоирони маснависарои давраи таҳқиқи мо дар заминаи авзони маснавӣ дигаргунӣ ва таҳаввулоти ҷиддие ба сомон нарасонидаанд. Зеро шоирони маснависаро вазну оҳангҳои муносибу мутадовили ашъорро мешинохтанд ва вобаста ба мазмуну мундариҷаи асар аз онҳо истифода менамуданд. Масалан, мазмунҳои қаҳрамонию паҳлавонӣ ҳатман дар вазни мутақориб, мавзуъҳои ишқию ошиқона дар ҳазаҷ, маъниҳои ҳикамиву фалсафӣ дар рамал баён мешуданд. Яъне истифода аз ин ё он вазн ба муҳтавои асар вобастагии зич дошт, зеро "вазн навъе аз таносуб аст. Таносуб кайфияти зеҳнӣ буда, миёни ҷузъҳои гуногун низоми воҳидро ба вуҷуд меорад. Ин таносуб агар дар макон воқеъ шавад онро қарина номанд ва агар дар замон воқеъ шавад онро вазн хонанд. Вазн дорои иқоъ ё ритм аст, ки вобаста ба муҳит ва мавзӯъ тағйир меёбад" [14]. Албатта, гоҳе ин таносуб, аз ҷониби шоирони маснависаро риоят намешуд. Бархе аз шоирон ба хотири нававарӣ ва дурӣ аз якнавохтӣ даст ба ибтикор зада, сарфи назар аз мавзӯву мӯҳтавои асар авзонеро интихоб намудаанд, ки дар воқеъ барои мазомини дигар муносиб аст. Чунончӣ, Хоҷуи Кирмонӣ дар маснавии "Ҳумой ва Ҳумоюн" вазни мутақорибӣ мусаммани маҳзуф(мақсур)-ро, ки муносиби осори ҳамосиву мавзӯоти таърихиву паҳлавонӣ ва ахлоқӣ аст, дар баёни мавзӯи ишқу ошиқӣ истифода намудааст. Ҳамчунин Убайди Зоконӣ дар манзумаи "Муш ва гурба" вазни мутақорибӣ мусаммани маҳзуф(мақсур)-ро мутаносиб ба мазмуни асар – ҷанги муш ва гурба ба кор бурда, аммо боз ҳам дар достон шакли қофиябандии маснавиро то поён идома надодааст. Танҳо се байти аввали асар бо риояи қофиябандии маснавӣ нигошта шуда, мобақӣ бо қофиябандии қасида омадааст. Ё ин ки вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф(мақсур), ки бештар барои достонҳои ошиқона муносиб аст, дар асрҳои мавриди таҳқиқ бошад он дар ирфону маноқибу сира ва баёни зиндагонии ашхоси маъруфи тариқат ба кор рафтааст.Чунончӣ Хатиби Форсӣ маснавии "Қаландарнома"-и хешро, ки дар боби зиндагии яке аз пирони тариқати қаландария- Ҷалолуддин Соваҷӣ ва пайравони ӯ Шайх Усмони Румӣ, Ҷалолуддини Даргазонӣ, Муҳаммади Балхӣ, Абӯбакри Исфаҳонӣ аст, дар сурати маноқибу сира ба қалам овардааст. Тамоми маснавиҳои ин давр дар шаш вазни роиҷи маснависароии форсу тоҷик, ки дар ҷадвали № 8 омадаанд, офарида шудаанд. Чуноне, ки аз ин ҷадвал маълум мешавад дар маснавиҳои ин давра аз авзони ҳафтгонаи маснавӣ танҳо аз рамали мусаддаси махбуни маҳзуф, ки воқеъан дар маснависароии форсу тоҷик хеле ба нудрат истифода гардидааст, баҳрае гирифта нашудааст. Дараҷаи истифодаи ин авзони шашгонаи маснависаройӣ дар маснавиҳои ин давра гуногун аст, ки онро дар ҷадвалҳои зер метавон мушоҳида намуд.

1. **Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф(мақсур).** Ин вазн барои достонҳои ошиқона муносиб аст, вале мавзуоти таърихӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ ва ҳикоёти сӯфия ҳам дар ин вазн офарида шудаанд.Ибни Ямини Фарюмадӣ ин вазнро дар маснавиҳои пандуандарзӣ ва ирфонӣ низ ба кор бурдааст[9, с.209-210].

| № б/т | Унвони асар | Муаллиф | Мавзуъ |
|---|---|---|---|
| 1. | "Азҳар ва Мазҳар" | Назирии Кӯҳистонӣ | ишқӣ |
| 2. | "Бадрат-ул-маонӣ" | Ибни Соваҷӣ | ирфонӣ |
| 3. | «Баҳром ва Гуландом» | Котибии Нишопурӣ | ишқӣ |
| 4. | "Баҳр-ус-саноеъ" | Ҳасани Мутакаллим | таълимӣ |
| 5. | «Гавҳарнома» | Хоҷуи Кирмонӣ | ирфонӣ |
| 6. | "Гул ва Наврӯз" | Ҷалоли Табиб | ишқӣ |
| 7. | "Гул ва Наврӯз" | Хоҷуи Кирмонӣ | ишқӣ |
| 8. | "Гулшани роз" | Маҳмуди Шабистарӣ | ирфонӣ-таълимӣ |
| 9. | «Даҳнома» ё «Мантиқу-л-ушшоқ» | Авҳадии Мароғаӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 10. | "Корнома" | Ибни Ямини Фарюмадӣ | таърихӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11. | «Қаландарнома» | Хатиби Форсӣ | зиндагинома |
| 12. | “Канз-ул-ҳақоиқ” | Маҳмуди Шабистарӣ | ирфонӣ |
| 13. | “Маҳбуб-ул-қулуб”(“Даҳнома”) | Ҳарирӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 14. | «Меҳру Муштарӣ»(«Ишқнома») | Ассори Табрезӣ | ишқӣ |
| 15. | «Муҳаббатнома» ё «Даҳнома» | Ибни Насӯҳи Форсӣ (Шерозӣ) | ишқӣ-ирфонӣ |
| 16. | «Муҳаббатнома” | Имоди Фақеҳи Кирмонӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 17. | «Муҳиб ва маҳбуб»(“Сӣ нома”) | Котибии Нишопурӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 18. | «Мӯсонома» | Шоҳини Шерозӣ | динӣ |
| 19. | “Оҳу ва камон” | Ҷалолиддини Атиқӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 20. | «Риёз-ул-ошиқин» | Ашрафи Мароғаӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 21. | “Руҳ-ул-ошиқин” | Шоҳ Шуҷоъ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 22. | «Сӣ нома»(“Ишқнома”) | Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 23. | «Тариқатнома» («Мисбоҳ-ул-ҳидоя») | Имоди Фақеҳи Кирмонӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 24. | «Тӯҳфат-ул-ушшоқ» («Даҳнома») | Рукниддин Соини Симнонӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 25. | «Ушшоқнома» | Убайди Зоконӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 26. | «Фарҳоднома» | Орифии Ардабилӣ | ишқӣ |
| 27. | «Ҳусн ва дил»(ё “Дастур-ул-ушшоқ”) | Фаттоҳии Нишопурӣ (Муҳаммад ибни Яҳёи Себак) | ишқӣ |
| 28. | “Ҷамшед ва Хуршед” | Салмони Соваҷӣ | ишқӣ |
| 29. | “Юсуф ва Зулайхо” | Шоҳини Шерозӣ | ишқӣ |

***Ҷадвали № 2.Маснавиҳои вазни мафоилун/мафоилун/фаӯлун(фаӯлон)***

**2.Мутақориби мусаммани маҳзуф(мақсур).** Ин вазн хоси маснавиҳои ҳамосӣ, қаҳрамонӣ, таърихӣ ва ахлоқӣ буда, назар ба андешаи муҳаққиқон қадимтарин авзони маснавӣ ба шумор меравад.Дар манзумаҳои давраи пажуҳиш ҳудуди 91 дар сади ин гуна осор ҳузури оҳангини худро ҳифз кардаанд.Танҳо ду маснавиеро (18, 21) дар ин аср сабт намудем, ки мазмуни ишқро бо вазни ҳамоса баён кардаанд.

| № б/т | Унвони асар | Муаллиф | Мавзуъ |
|---|---|---|---|
| 1. | «Адабнома» | Низории Кӯҳистонӣ | таълимӣ |
| 2. | «Анушервон ва мӯбадон» | Ибни Ямин | таълимӣ |
| 3. | “Барзунома” | Шамсиддин Муҳаммади Кавсаҷ | ҳамосӣ |
| 4. | «Ғозоннома» | Нуриддин ибни Шамсиддини Муҳаммади Аждарӣ | ҳамосӣ-таърихӣ |
| 5. | «Дастурнома» | Низории Кӯҳистонӣ | таълимӣ |
| 6. | «Дафтари дилкушо» | Соҳиб | ҳамосӣ |
| 7. | «Дурҷ-ул-лаолӣ» | Мири Кирмонӣ | ирфонӣ |
| 8. | “Зафарнома | Ашрафи Мароғаӣ | ҳамосӣ- таърихӣ |
| 9. | “Зафарнома» | Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ | ҳамосӣ -таърихӣ |
| 10. | “Калила ва Димна” | Қонеии Тӯсӣ | таълимӣ |
| 11. | «Картнома» | Рабеии Бушанҷӣ | ҳамосӣ- таърихӣ |
| 12. | ”Чаҳор панди Анушервон” (“Пандномаи Анӯшервон”) | Ибни Ямин | таълимӣ |
| 13. | “Музаъфар ва Буғро” | Абӯисҳоқи Атъима | ҳамосӣ |
| 14. | «Салчуқнома» | Қонеии Тӯсӣ | ҳамосӣ |
| 15. | “Синбоднома” | Сайид Ҷамоли Азуд | ҳамосӣ |
| 16. | “Сомнома” | Хоҷуи Кирмонӣ | ҳамосӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 17. | “Сӯҳбатнома”(“Тарбиятнома”) | Имоди Фақеҳи Кирмонӣ | ирфонӣ-ахлоқӣ |
| 18. | “Фироқнома” | Салмони Совачӣ | ишқӣ |
| 19. | «Ховароннома” | Ибни Ҳусоми Ҳиравӣ | ҳамосӣ |
| 20. | «Ҳидоятнома» | Носири Бухороӣ | ирфонӣ |
| 21. | “Ҳумой ва Ҳумоюн” | Хоҷуи Кирмонӣ | ишқӣ |
| 22. | «Шоҳномаи чингизӣ» ё «Таърихи манзуми муғул» | Шамсиддини Кошонӣ | ҳамосӣ-таърихӣ |

***Ҷадвали № 3. Маснавиҳои вазни фоилотун/фоилотун/фоилун***

**3.Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф** ҳарчанд вазни шод ва муносиби мазомини базмиву ошиқона аст, вале дар маснавиҳои давраи таҳқиқ, бештар дар баёни мазомини ирфонӣ, таълимӣ(3) ва мунозира(6) ба кор рафтааст.

| № б/т | Унвони асар | Муаллиф | Мавзуъ |
|---|---|---|---|
| 1. | “Ибтидонома” | Султон Валад | ирфонӣ |
| 2. | “Камолнома” | Хоҷуи Кирмонӣ | ирфонӣ |
| 3. | “Мақомот-ул-орифин” | Қосими Анвор | таълимӣ |
| 4. | “Маҷлисафрӯз” | Ибни Ямини Фарюмадӣ | ирфонӣ |
| 5. | «Маҷмаъ-ул-латоиф» | Мири Кирмонӣ | таълимӣ |
| 6. | “Рӯзу шаб” | Назирии Кӯҳистонӣ | мунозира |
| 7. | «Саодатнома” | Маҳмуди Шабистарӣ | ирфонӣ |
| 8. | “Ҳафт авранг”ё “Ишқнома” | Ашрафи Мароғаӣ | ишқӣ |
| 9. | “Ҷоми Ҷам | Авҳадии Мароғаӣ | ирфонӣ |

***Ҷадвали № 4. Маснавиҳои вазни фоилотун/мафоилун/фаилун***

**4.Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф** бештар барои баёни мавзӯоти ишқӣ-ирфонӣ корбаст мешавад, вале ба нудрат дар ҳамоса(2) низ ба кор рафтааст:

| № б/т | Унвони асар | Муаллиф | Мавзуъ |
|---|---|---|---|
| 1. | «Азронома» | Шоҳини Шерозӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 2. | «Ардашернома» | Шоҳини Шерозӣ | ҳамосӣ |
| 3. | ”Гуй ва Чавгон”(“Ҳолнома”) | Орифии Ҳиравӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 4. | “Зод-ул-мусофирин” | Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 5. | “Лайлӣ ва Маҷнун” | Ашрафи Марoғаӣ | ишқӣ |
| 6. | “Мӯнис-ул-ушшоқ” | Арабшоҳи Яздӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 7. | «Равзат-ул-муҳиббин» («Даҳнома») | Ибни Имоди Хуросонии Шерозӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 8. | «Равзат-ул-муҳиббин» («Даҳнома») | Имоди Фақеҳи Кирмонӣ | ишқӣ-ирфонӣ |

***Ҷадвали № 5. Маснавиҳои вазни мафӯлу/мафоилун/фаӯлун/***

**5.Рамали мусаддаси маҳзуф** барои мазомини пандомӯзи орифона муносиб аст. Аммо баёни шарҳи ҳол(8) ва ҳаҷв(2) низ истеъмол гардидааст:

| №б/т | Унвони асар | Муаллиф | Мавзуъ |
|---|---|---|---|
| 1. | «Анис-ул-орифин» | Қосими Анвор | таълимӣ |
| 2. | “Асрори чангол” | Абӯисҳоқи Атъима | ҳаҷв |
| 3. | “Даҳ боб” | Котибии Нишопурӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 4. | “Даҳнома” ё “Даҳ фасл” | Шарафуддини Ромӣ | ишқӣ-ирфонӣ |
| 5. | “Интиҳонома” | Султон Валад | ирфонӣ |
| 6. | «Канзу-л-румуз» | Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ | ирфонӣ |
| 7. | “Рубобнома | Султон Валад | ирфонӣ |
| 8. | “Сафарнома” | Назирии Кӯҳистонӣ | сафарнома |

***Ҷадвали № 6. Маснавиҳои вазни фоилотун/фоилотун/фоилун(фоилон)***

**6.Сареи мусаддаси матвии макшуф.**Ин вазн оҳанги пурнишот ва тарабангез дорад, вале дар маснавиҳои ин аҳд бештар дар баёни мазомини ирфонӣ ба кор рафтааст:

| № б/т | Унвони асар | Муаллиф | Мавзуъ |
|---|---|---|---|
| 1. | «Гулшани аброр» | Котибии Нишопурӣ | ирфонӣ |
| 2. | “Корнома” | Рабеии Бушанҷӣ | |
| 3. | «Минҳоҷ-ул-аброр” | Ашрафи Мароғаӣ | ирфонӣ |
| 4. | «Мӯнис-ул-асрор ва анис-ул-ахбор» («Сафонома» ё «Сад панд») | Имоди Фақеҳи Кирмонӣ | ирфонӣ |
| 5. | “Равзат-ул-анвор” | Хоҷуи Кирмонӣ | ирфонӣ |

***Ҷадвали № 7. Маснавиҳои вазни муфтаилун/муфтаилун/фоилун***

Басомади истифодаи авзони болоиро метавон дар ҷадвали зер мушоҳида намуд.Тартиби ҷойгузинии вазнҳо ба камийят ва миқдори корбурди онҳо мутобиқат доранд. Ин омор аз миёни 81 адад маснавиҳои асрҳои XIV ва нимаи аввали садаи XV, ки ба онҳо дастрасӣ доштем, истихроҷ шудааст. Албатта, ин омор ҷомеъ нест, зеро дар феҳрастҳо ва сарчашмаҳои дигари таърихи адабиёт маснавиҳое низ зикр шудаанд, ки гумном буда, ҳанӯз нусхае аз он ба даст наомадааст. Ҳамчунин дар девони ашъор ё куллиёти осори шоирони ин аҳд, маснавиҳои кӯтоҳи мутааддиди беунвон ба табъ расидаанд, ки ҳеч кадоме аз онҳо дар ин омор ба ҳисоб гирифта нашуданд.

| №б/т | Авзон | Теъдоди маснавӣ | Дар сад аз кулл |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф(мақсур) | 29 | 36 % |
| 2. | Мутақорибы мусаммани маҳзуф | 22 | 27 % |
| 3. | Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф | 9 | 11 % |
| 4. | Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф | 8 | 10 % |
| 5. | Рамали мусаддаси маҳзуф | 8 | 10 % |
| 6. | Сареи мусаддаси матвии макшуф | 5 | 6 % |
| | **Ҷамъ** | **81** | **100 %** |

***Ҷадвали № 8.Омори авзони арӯзии маснавиҳо***

Ин омори тақрибӣ нишон медиҳад, ки *ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф(мақсур)* аз авзони аввалия ва пурбасомади маснависароӣ дар давраи пажӯҳиш аст. Тибқи ҷадвали № 8 ду вазни аввал-*ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф(мақсур)* ва *мутақорибы мусаммани маҳзуф(мақсур)* бештар мавриди истифодаи шоирони маснависарои асри XIV ва нимаи аввали садаи XV қарор гирифта, 63 дар сади ин гуна осор ҳузури оҳангини худро ҳифз кардаанд ва саҳми чаҳор вазни баъдӣ ҷамъан 37 дар сад аст. Таҳлили оморӣ нишон дод, ки 27 дар сади маснавиҳои давр дар қолаби мусамман сохта шудаанд ва ин бори дигар собит менамояд, ки авзони дароз дар маснависароӣ зиёд ба кор намераванд. Вазне, ки дар чаҳорчӯбаи мусамман дар маснависароии ин давра ба кор омадааст *мутақорибы мусаммани маҳзуф(мақсур)* аст, ки миқдори ҳиҷоҳои он аз 11(гоҳе 10) ҳиҷо бештар намеравад.

Таҳаввуле, ки аз назари вазни арӯзӣ дар қолаби маснавӣ сурат гирифтааст вуҷуди маснавии зубаҳрайн дар осори баъзе аз шуарои давра аст, ки чун бозтобе дар адабиёти ин давра ба баъд доштааст. Аммо инро наметавон ба унвони оғози як таҳаввули бунёдину ҳамаҷониба дар қолаби маснавӣ талаққӣ кард. Зеро ин ибтикор дар асрҳои минбаъда ба ҷузъ дар як ё ду маврид истиқбол наёфт ва ба нокомӣ мувоҷеҳ шуд. Сабаби ин нокомӣ, ба назари мо, набудани ҷозибаҳои оҳангин дар ашъори зубаҳрайн ва тафаннуни дур аз зеҳну завқи суханварон дар саноеи шеърӣ ва ҳунарнамоиҳои фаннӣ буд. Зеро маснависароёни асрҳои мавриди тадқиқ бо назардошти он ки маснавии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои моқабл аз нигоҳи мавзӯъ ва мундариҷа ба сарҳадди камол расида буд, ба бозсозии шакливу қолабии он оғоз намуданд. Онҳо ба ин васила кӯшиш намуданд, ки соҳати ҷадидеро дар маснависароӣ боз намоянд.Чунончӣ Имоди Фақеҳ дар “Даҳнома”(“Муҳаббатнома”)-и хеш дар сабаби таълифи асар овардааст, ки арбоби маонӣ дар осори хеш даҳномаҳое доранд, аз ҳамин рӯй суханвар тасмим мегирад, ки даҳномаи худро бо тарзи нав эҷод намояд. Дар ин маснавӣ ғайр аз вазни аслии асар дар овардани номаҳо ҳафт вазни дигар - ҳазаҷи мусаддаси (ду нома), мутақорибы мусаммани маҳзуф (ду нома), муҷтасси мусаммани махбун (ду нома), ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф ва

рамали мусаммани махбун низ истифода шудааст. Дар авзони мухталиф навишта шудани маснавиҳо то Имоди Фақеҳ ҳам роиҷ буд.Чунончи Амир Хусрав маснавии “Нӯҳ сипеҳр”-ро дар ҳашт баҳр ва нуздаҳ вазни шеърӣ[2, с.145,148-150] эҷод намудааст ва ин падида аз ибтикороти ин суханвар ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин дар ин давра маснавиҳое ба зуҳур омаданд, ки ба ду баҳр хонда мешудаанд. Масалан, “Маҷмаъ-ул-баҳрайн”-и Котибии Нишопурӣ, ки ба тақлид аз «Хуршед ва Ҷамшед»-и Салмони Соваҷӣ ва «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷу нигошта шудааст, бар хилофи ин маснавиҳо, «зубаҳрайн» хонда мешавад. Ин манзума муқаддимаи мансур ҳам дораду мавзӯи он ишқи ирфонии Нозир бо Манзур аст, ки ба номи «Нозир ва Манзур» ё «Носир ва Мансур» низ маъруф аст. Вазни аслии маснавӣ *сареи мусаддаси матвии макшуф* аст, вале онро бо вазни *рамали мусаддаси маҳзуф* низ метавон хонд ва тақтеъ намуд.Чунончӣ:

***Фикрати ро/ҳи адам о/бод кун,***
***Хотири худ/ро зи ғам о/зод кун[3, с.91]***

Вазни аслӣ муфтаилун, муфтаилун, фоилун аст, вале онро метавон бар вазни дигар ҳам хонду тақтеъ намуд.Вазни дигари он фоилотун/фоилотун/фоилун мебошад.

Ҳамин тариқ, авзони аслии маснавӣ ҳафто буда, маснавиҳои асрҳои XIV ва нимаи аввали садаи XV бо шаш авзон, ки тақрибан ҳамеша аз 11 (дар баъзе ҳолат 10) ҳиҷо ташкил ёфтаанд таълиф гардидаанд. Пажӯҳиши оморӣ нишон дод, ки авзони *ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф(мақсур)* ва *мутақорибы мусаммани маҳзуф* дар маснавиҳои ин давра назар ба чор вазни дигар корбурди бештаре доранд ва дар аксар маврид ҳузури оҳангини худро дар ин гуна осор ҳифз кардаанд. Бархе аз шоирони маснависарои ин давра ба хотири офаридани сабку тарзи нав дар ин навъи адабӣ ба бозсозии шакливу қолабии он пардохтанд. Таҳти таъсири шеваи тасаннӯъгароии суханварони давра маснавиҳои зубаҳрайн ва дорои вазнҳои мухталиф падидор шуданд, аммо бо ин ҳама ибткору тозагӣ ин тарзи асарофаринӣ ноком монд ва дар қуруни баъдӣ ба ҷузъ дар як ё ду маврид истиқбол наёфт.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Аҳмадалӣ, Аҳмад.Ҳафт осмон/Аҳмадалӣ Аҳмад.-Теҳрон: Асадӣ, 1965.- 174 с.
2. Бақоев М.Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ/М.Бақоев.- Душанбе, Дониш, 1975.-280 с.
3. Нишопурӣ, Котибӣ. Куллиёти Котибӣ/Котибии Нишопурӣ.-Теҳрон: Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои исломӣ, дастхати шумораи 2615. – 437 вар
4. Субҳонӣ, Тавфиқ. Таърихи адабиёт дар Эрон/Тавфиқ Субҳонӣ. – Теҳрон: Интишороти Заввор, 1386.-753 с.
5. Таджибаев, Ш. Г. Характеристика месневи и исследование персидско-таджикской традиции создания месневи в "Хафт осмон" / Ш. Г. Таджибаев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2017. – № 3(52). – С. 85-91. – EDN ZRWOXN.
6. Тарбият, Муҳаммадалӣ.Мақолоти Тарбият/Муҳаммадалии Тарбият.-Теҳрон:Дунёи китоб, 1355.- 430 с.
7. Таҳонавӣ, Муҳаммадалӣ ибни Алӣ. Кашшофу истилоҳот-ил-фунуни ва ал-улуми.Чопи Муҳаммад Ваҷеҳ ва дигарон/Муҳаммадалӣ ибни Алии Таҳонавӣ.- Калкатта, 1862.-2134с.
8. Тоҷибоев, Ш. Мавзӯъ ва мундариҷаи маснавии “Даҳ боб”-и Котибии Нишопурӣ //Scientific Collection «InterConf», (66): with the Proceedings of the 9th International Scientific and Practical Conference «Challenges in Science of Nowadays»(July 16-18, 2021)at Washington, USA.-PP.295-302/-https://ojs.ukrlogos.in.ua/index.php/interconf/article/view/13891.
9. Тоҷибоев, Ш. Ғ. Сохтор ва мӯҳтавои маснавиҳои Ибни Ямини Фарюмадӣ / Ш. Ғ. Тоҷибоев // "Номаи донишгоҳ" -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2023. –№ 1(74). – P. 203-211. – DOI 10.51844/2077-4990-2023-1-203-211. – EDN JMAUSB.
10. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Ҳафт авранг.Иборат аз 2 ҷилд.Тасҳеҳ ва таҳқиқи Ҷ.Додалишоев, А.Ҷонфидо, З.Аҳрорӣ, А.Тарбият, А.Афсаҳзод/Абдураҳмони Ҷомӣ.-Теҳрон: Ойинаи мерос, 1378.- 912 с.- 1ҷ.
11. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Ҳафт авранг.Иборат аз 2 ҷилд.Тасҳеҳ ва таҳқиқи Ҷ.Додалишоев, А.Ҷонфидо, З.Аҳрорӣ, А.Тарбият, А.Афсаҳзод/Абдураҳмони Ҷомӣ.-Теҳрон: Ойинаи мерос, 1378.-722 с.- 2 ҷ.
12. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Ҳафт авранг.Бо тасҳеҳи Муртазо Мударриси Гелонӣ/Абдураҳмони Ҷомӣ.-Теҳрон, 1385.- 1050 с.

13. Элбоев, В. "Юсуф ва Зулайхо"-и Шоҳини Шерозӣ/В.Элбоев//Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-2014.-№ 4(59).-С.332-339
14. Юсуфӣ, У.Авзони ғайримаъмул дар ғазалиёти Мавлавӣ/У.Юсуфӣ//anrt.tj/tj/khabar-o/2536-avzoni-ajrima-mul-dar-azalijoti-mavlav

**REFERENCES:**

1. Ahmad, Ali, Ahmad. Haft Asman(“Seven heavens”)/ Ahmad Ali Ahmad.-Tehran,1965.-174p.
2. Baqoev M. Life and creativity of Khusravi Dehlavi/ M. Baqoev.- Dushanbe, Donish, 1975.-280 p.
3. Nishapuri, Katibi. Kulliyat-e Katibi(Collection of works Kotibi)/ Katibi Nishapuri. -Tehran: Islamic Council Library, manuscript № 2615. - 437 p.
4. Subḥānī,Tawfīq.Iran Literature history/ Tawfīq Subḥānī.- Tehran, Zawar publications, 1386.-753 p.
5. Tojiboev Sh.G.Characteristics of mesnavi and exploration of Persian-Tajik traditions in regard to the creation of mesnavi in "Haft osmon" ("Seven heavens")/ Sh.G. Tojiboev // Scientific notes of Khujand state University named after academic B.Gafurov. Humanities and social sciences series.- 2017. – № 3(52). – P. 85-91.
6. Tarbiat, Muhammad Ali. Articles of Tarbiat/ Muhammad Ali Tarbiat. - Tehran: Dunoyi Kitab, 1355.- 430 p.
7. Tahanavi, Muhammad Ali b. Ali . Kashaaf Estelahat Al-Fonun va Al-Oulum. Printed by Muhammad Wajeh and others - Calcutta, 1862.-
8. Tojiboev, Sh. The subject and content of the book "Ten Chapters" of the Katibi Nishapuri //Scientific Collection «InterConf», (66): with the Proceedings of the 9th International Scientific and Practical Conference «Challenges in Science of Nowadays»(July 16-18, 2021)at Washington, USA.-PP.295-302/-https://ojs.ukrlogos.in.ua/index.php/interconf/article/view/13891.
9. Tojiboev, Sh. Structure and contents of Ibn Yamin Faryumadi's masnavis/ Sh.G. Tojiboev // Scientific notes of Khujand state University named after academic B.Gafurov. Humanities and social sciences series.- – 2023. –№ 1(74). – P. 203-211. – DOI 10.51844/2077-4990-2023-1-203-211. – EDN JMAUSB.
10. Jami, Abdurrahman. Haft Awrang(«Seven Thrones»). Consisting of 2 volumes. Edited and researched by J. Dodalishoev, A. Janfada, Z. Ahrori, A. Tarbiyat, A. Afsahzod/ Abdurrahman Jami. - Tehran: Oyinai Meros, 1997(1378 h.) - 912 p. - 1 vol.
11. Jami, Abdurrahman. Haft Awrang(«Seven Thrones»). Consisting of 2 volumes. Edited and researched by J. Dodalishoev, A. Janfada, Z. Ahrori, A. Tarbiyat, A. Afsahzod/ Abdurrahman Jami. - Tehran: Oyinai Meros, 1997(1378 h.) - 722 p. - 2 vol.
12. Jami, Abdurrahman. Haft Awrang(«Seven Thrones»). With correction by Murtaza Mudarrisi Gelani/ Abdurrahman Jami.-Tehran, 1385.- 1050 p.
13. Elbaev, V. "Yusuf and Zulaiho" by Shahin Shirozi/ V. Elbaev //Bulletin of the Pedagogical University.-2014.-No. 4(59).-P.332-339.
14. Yusufi, U. Unusual weights in Maulavi's ghazals//anrt.tj/tj/khabar-o/2536-avzoni-ajrima-mul-dar-azalijoti-mavlav